# РУШДИ МАРКЕТИНГИ МОЛҲОИ САНОАТӢ

Дар шароити муосири рақобатнокии бозори молҳои саноатӣ, бахусус бозори молҳои озуқаворӣ ва бозори молҳои ғайриозуқаворӣ, муаммоҳои истеҳсоли молҳои саноатии содиротиивазкунанда ва мувофиқ ба талаботи аҳолии кишвар яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Дар барномаи Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сенарияи индустриалии рушди он лоиҳаҳои амалкунандаи оғозшудаи энергетикию инфрасохтор, барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда ва ба кор омодасозии иқтидорҳои нави истеҳсолӣ дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст. Маҳз ба шарофати қабули ин барнома афзоиши босуръати саноат, бахусус саноати сабук ва ҳурокворӣ, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, ангишт, металлургияи сиёҳ ва ранга, саноати сохтмонӣ, саноати кимиё ва ғ. дар солҳои наздик бояд рушд ёбад.

Барои ноил гаштан ба ин ҳадаф сенарияи индустриалию инноватсионӣ низ қабул гардидааст, ки дар заминаи гузарониданиислоҳот дар соҳаи маориф ва тайёр кардани мутахассисони замонавӣ равияҳои инноватсиониро дар такмили масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, рушди моликияти зеҳнӣ, истифодаи оқилонаи сармояи инсонӣ, рушди истеҳсолоти воридотиивазкунанда, истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза роҳандозӣ менамояд.

Ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сиёсати иқтисодии пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва тадбиқёбии чунин ислоҳот болоравии ҳаҷми истеҳсоли молҳои саноатӣ, хусусан дар соҳаҳои коркард басо назаррас аст. Хусусияти хоси соҳаи саноати сабуки Тоҷикистон дар мавҷудияти иқтидори бузурги захираҳои ашёи хом ва меҳнатӣ мебошад, ки самти рушди ояндаи онро муайян месозад. Дар баробари ин, саноати сабук яке аз соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб меравад аз сабаби он, ки сараввал вай асоси коркарди ашёи хоми маҳаллӣ (пахта, пилла, пӯст, пашм ва ғ.)- ро ташкил медиҳад ва дуюм, шуғли аҳолӣ бахусус занону ҷавононро бо ҷойи кор таъмин менамояд.

Соҳаи саноати сабук истеҳсоли нахи пахта, пилла, матоъҳои пахтагӣ, абрашимӣ, атласу адрас, маснуоти кашбофӣ ва ҷӯроббарорӣ, истеҳсоли чарму пойафзол ва маснуоти чармӣ, қолинҳо ва маснуоти қолинӣ, мебел ва халтаҳои полиэтилениро роҳандозӣ менамояд.

Дар кишвар истеҳсоли нахи пахта босуръат рушд ёфта истодааст, ки барои коркарди он корхонаҳои зиёд фаъолият доранд. Бо коркарди нахи пахта якчанд корхонаҳои истеҳсолии калон, ба монанди ҶСК «Ҷавонӣ», ҶСК «САТН», ҶСП «Олим Текстайл», ҶСК «Нассоҷи Хуҷанд», ҶСК «Спитамен Текстайл», ҶСК «Нику Хуҷанд», ҶСК «Файзи истиқлол-2011», ҶСК «Хима Текстил» банд мебошанд. Масалан, ҶСП «Чунтай-Данғара Син- Силу Текстил», ки дар н. Данғара бунёд шудааст аз чор қисми истеҳсолӣ: ресандагӣ, бофандагӣ, рангубордиҳӣ ва дӯзандагӣ иборат аст. Дуконҳои ин корхона бо таҷҳизотҳои навини ширкатҳои машҳури ҷаҳонии Италия, Шветсария, Олмон ва Чин таҷҳизонида шудаанд.

Ҳаҷми истеҳсоли саноати дӯзандагӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати сабуки ҷумҳурӣ зиёда аз 25-30 %-ро ташкил медиҳад. Дар солҳои охир дар ин корхонаҳо дӯхтани сару либос барои соҳаи мудофиа, сарулибос барои санъаткорон аз рӯи супориши соҳаи фарҳанг ва сарулибоси мактабӣ ва супориши муштариён фаъолият доранд.

Яке аз омилҳои рушдёбии соҳаи саноати сабук таъмини соҳа бо мутахассисон ва коргарони соҳибихтисоси соҳа мебошад. Фақат дар давраи солҳои 2015-2018 миқдори хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ дар ҷумҳурӣ ба 130,3 % расида 1,3 маротиба афзоиш ёфт; аз ҷумла дар ш. Душанбе ва вилояти Суғд -117,5 %, вилояти Хатлон -150,4 % ва ВМКБ -122,2 %-ро ташкил намуд.

Дар баробари ба кордарории иншоотҳои нави саноатӣ ба монанди бофандагӣ, дӯзандагӣ, қолинбофӣ, истеҳсоли махсулоти чарм ва кашбофӣ дар манотиқҳои ҷумҳурӣ ва пурзӯршавии фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, ҳар сол афзоишёбии миқдори мутахассисон - хатмкунандагони муассисаҳои олии касбӣ, коллеҷу литсейҳои миёнаи техникӣ соҳаи саноати сабуки ҷумҳурӣ дар ояндаи наздик барои рушди ин соҳа заминаи махсус мегузорад. Ғайр аз ин, ҳаҷми талабот дар бозори молҳои саноати сабуки ҷумҳурӣ, бахусус молҳои воридотӣ ва таҳаввулоти инноватсионӣ ба рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ таъсир мерасонад, ки ба талаботи инновтсионии иқтисодиёти кишвар ҷавобгӯ мебошад.

Ҳоло дар ҷумҳурӣ саноати мебелбарорӣ бо муваффақият тараққӣ ёфта истодааст, ки он аз болоравии сатҳи зиндагии мардум гувоҳӣ медиҳад. Талаботи аҳолӣ нисбат ба мебел дар оянда низ рушд меёбад, чунки агар сатҳи даромаднкии баъзе қишрҳои аҳолӣ ба ин мусоидат намоянд, дараҷаи болоравии соҳаи сотмони иншоотҳои саноатӣ, фарҳангӣ ва манзилҳои истиқоматӣ дар пойтахти ҷумҳурӣ ва манотиқҳои гуногуни он барои васеъшавии гардиши он дар бозори мебел асос мешавад.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки муаммоҳои маркетинги молҳои саноатӣ бе омӯзиши талаботи харидорони бозори молҳои саноатӣ ҳалли худро намеёбад. Барои омӯзиши талаботи харидорон бояд рафтори истеъмолии аҳолии Тоҷикистонро хуб донист. Талаботи истеъмолии харидорони бозори дохилиро ба воситаи омӯзиши омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангию маданӣ, миллию этникӣ ва иқлимию табиии таъсиррасон ва гузаронидани таҳқиқу ташхиси бозори молҳои саноатӣ ба роҳмондан лозим аст. Истифодаи усулҳои муосири иқтисодию риёзӣ ва моделсозӣ барои дуруст ва аниқ исбот намудани талаботи харидорони бозори молҳои саноатӣ аҳамияти хоса дорад. Таъсиррасонии омилҳои демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, миллию этникӣ, ҷуғрофӣ ва психологӣ бе истифодаи усулҳои таҳлилӣ ва моделсозӣ аз имкон берун аст.

Баъд омӯзиши омилҳои иқтисодию иҷтимоӣ, миллию этникӣ ва ҷуғрофӣ такмилдиҳии саноати маҳаллӣ ва имконияти рушди он дар манотиқҳои гуногун ва дурдасти ҷумҳурӣ амалӣ гардад. Барои амалисозии ин нақшаҳо бояд корҳои зерин анҷом дода шавад.

-Омодасозии мутахассисони соҳаҳои гуногуни саноат дар донишгоҳу коллеҷҳои ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар зарур аст;

- Ба воситаи бакордарории корхонаҳои бозистода бо истифода аз сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ, ки ҳалли масъалаи бекориро амалӣ месозад ва истеҳсоли молҳои саноатиро дар мамлакат ба роҳ мемонад, амалӣ гардонидан мумкин аст;

- Истеҳсоли таҷҳизотҳои соҳаҳои гуногуни саноатиро дар дохили кишвар аз ҳисоби ба роҳ мондани истихроҷи металҳои сиёҳ ва ранга, ки боиси ривоҷ ёфтани саноати вазнин мегардад ва он ба рушди соҳаҳои дигари саноат таъсир мерасонад, амалӣ сохтан зарур аст;

- Барои истеҳсол ва такмилдиҳии молҳои саноатии талаботи баланддошта ва воридотиивазшаванда аз омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами дунё оид ба истеҳсоли онҳо ба роҳ мондан мумкин аст.

**И.З.САРАБЕКОВА,**
**н.и.и., дотсенти кафедраи**
**менеҷмент ва маркетинг**